**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи "Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист" (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Мавзӯи диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода актуалӣ буда, ба яке аз масъалаҳои муҳим – нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист бахшида шудааст. Диссертант дар автореферат зикр мекунад, ки пешрафти технологияи коммуникатсионӣ, баланд гардидани савияи дониш ва ҷаҳонбинии аудитория, ба манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ майл кардани воситаҳои ахбори омма, дар ҷойи аввал қарор гирифтани фаврият ва саҳеҳият, вусъат пайдо кардани зиёдагӯиву пурҳарфӣ, ибрози фикрҳои мухталифи баъзан санҷиданашуда дар ВАО масъалаҳои наву мубрамро ба миён овардааст, ки таҳқиқу баррасиҳои илмиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, рушди воситаҳои ахбори оммаи электронӣ, вусъат пайдо кардани муносибати демократӣ дар фаъолияти журналистӣ, масъалаи мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист ва риояи онро ба контексти илми журналистика мекашад. Тавассути мантиқ сухан муназзам мегардад, фикрҳо маврид пайдо мекунанд, гуфтору намоиш муассир мешавад. Мантиқ ба гуфтор солорӣ мебахшад ва ба дарку фаҳми шунавандаву бинанда кӯмак мерасонад. Ин ва дигар омилҳо зарурияти ба нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналистон таваҷҷуҳи хоссаи илмӣ зоҳир намуданро ба миён овардааст.

Воқеан, таҳқиқи масъала доир ба мавзӯи мавриди назар дар соҳа ва илми журналистикаи тоҷик нав буда, вобаста ба он навиштани рисолаи илмӣ аз тарафи унвонҷӯ Шоҳиён Мансур Бойзода боиси дастгирст. Яъне, бори нахуст дар заминаи таҳлилу баррасии маводи ВАО-и тоҷик қонунмандиҳои мантиқ дар журналистика муайян гардида, дараҷа ва сатҳи маърифати мантиқ ва риояи он дар фаъолияти журналистон нишон дода мешавад ва низоми назарии мантиқи эҷод дар журналистикаи тоҷик пешниҳод мегардад.

Тавре аз таҳқиқи мавриди назар бармеояд, диссертант баррасии ҷанбаҳои назариявии нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист, нишон додани дараҷаи риояи мантиқи гуфтор дар барномаҳои телевизионӣ, ошкор намудани вижагиҳои мантиқи корбасти аксу расм дар нашрияҳои даврӣ ва сомонаҳо, муайян кардани муҳтавои мантиқии савол ва муколамаҳои намоишу гуфторҳои телевизион ва радио, таҳлили мантиқии нақди матбуоти даврӣ оид ба барномаҳои телевизион, баррасии қонунмандиҳои мантиқ ва нишон додани алоқамандии онҳо бо фаъолияти

журналистӣ, мушаххас намудани мантиқи муҳокимаҳои журналистӣ ҳамчун категорияи муайянкунандаи фикр, дар заминаи таҳлили маводи журналистӣ нишон додани навъҳои хулосабарорӣ, коркарди низоми илмии мантиқи фаъолияти эҷодӣ дар журналистикаи тоҷикро мақсади пажӯҳиш қарор дода, таъкид медорад, ки дар журналистика баъзан истифодаи нодурусти далел, воқеа ва вайрон шудани мантиқ ба чашм мерасад. Агар истифодаи нодурусти далелу воқеа дар матни журналистӣ фаромӯшхотирӣ ва дар баёни фикр беаҳамиятӣ зоҳир намудани журналистонро ошкор намояд, андешаи ғайримантиқӣ ба маърифати пасти муаллиф ишора мекунад. Таҳлили барномаҳои радиову телевизион, матнҳои матбуоти даврии тоҷик ва сомонаҳои хабарӣ нишон медиҳанд, ки дар маҳсули қалами журналистон на ҳамеша қонунмандиҳои мантиқ риоя мешаванд. Ин ва дигар омилҳо мақсади ин пажӯҳишро ба шакл медароранд.

Диссертант ба сифати объекти таҳқиқ телевизионҳои «Телевизиони Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Варзиш», радиоҳои «Радиои Тоҷикистон», «Имрӯз», «Овози тоҷик», нашрияи «Ҷумҳурият» ва сомонаи он, сомонаи «Радиои Озодӣ», инчунин хабаргузорӣ, ҳафтанома ва сомонаҳои иттилоотии «Нигоҳ», «Тоҷнюс», «Озодагон» ва ғайраро интихоб намудааст.

Автореферат муҳтавои рисоларо ифода мекунад.

Боби аввали диссертатсия «Вижагиҳои мантиқии мундариҷаи намоишҳои телевизионӣ ва гуфторҳои радиоӣ» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар қисми муқаддимавии ин боб баъзе ҷанбаҳои мантиқи журналистӣ баррасӣ гардида, ба таври намуна вижагиҳои мантиқии чанде аз барномаҳои телевизионию радиоӣ нишон дода шудаанд. Дар фасли мазкур диссертант ба ин натиҷа расидааст, ки муаллифони барномаҳо маҳорат ва услуби хос дошта, дар онҳо матну усул ва муҳтавои мантиқӣ пурра ба инобат гирифта шудаанд. Маҳорату малакаи касбӣ, омӯзиши ҳаматарафаи мавзӯъ ва дарки амиқи масъала боис гардидааст, ки мазмун ва муҳтавои барномаҳо ҷолибу рангин гардида, масъалагузориҳои мантиқӣ ҳосил шаванд ва онҳо дар сатҳи касбӣ шакл пайдо кунанд.

Дар фасли аввали боби аввал - «Нуқси мантиқӣ ва омилҳои рух додани он дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоӣ» таваҷҷуҳи асосӣ ба омилҳои роҳ ёфтани камбудиҳои мантиқӣ дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоӣ равона шудааст. Диссертант дар ин қисмат таъкид медорад, ки омӯзиши ин ҷиҳати масъала нишон медиҳад, ки дар ВАО баъзан маводҳое пахш мегарданд, ки ҳадафи муайян надоранд, муҳтавояшон паст аст, қонуну категорияҳои мантиқ дар онҳо чандон риоя намегардад. Баъзан ҳодисаву воқеаҳое тавассути ВАО пахш мешаванд, ки оммавӣ карданашон манъ аст ва чунин муносибат хилофи

меъёру принсипҳои касбӣ буда, боиси паст шудани шуҳрат ва нуфузи журналистика мегардад. Ҳамзамон, мавсуф зикр намудааст, ки омилҳои роҳ додан ба хатоҳои мантиқӣ зиёданд, аммо дар маҷмӯъ, онҳоро ба чунин меъёрҳо метавон ҷудо намуд: муносибати эҳсосӣ намудан ба мавзӯи инъикосшаванда; дуруст дарк накардани моҳияти масъала; аз нигоҳи касбӣ таҳрир ва муқоиса накардани матн ва сенария; ноогоҳӣ аз далелҳои илман исботшудаи марбут ба масъалаи баррасишаванда; афзалият додан ба сареъият ва камтаваҷҷуҳӣ ба муҳтавои матлаб; дар сатҳи зарурӣ надонистани меъёрҳои забони адабӣ; беэътиноӣ намудан дар рафти муҳокимаву хулосабарорӣ аз мавзӯъ ва ғайра.

Дар фасли дуюми боби аввал – «Истифодаи мантиқии навор ва аксу сурат дар телевизион, матбуоти даврӣ ва сомонаҳо» масъалаи мувофиқати навор бо сухани журналист ва муҳтавои аксу тасвирҳо бо мазмуни матнҳои нашрияҳои даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ мавриди баҳс қарор ёфтааст. Интихоби навор ва аксу сурати аз лиҳози моҳияту мазмун ба матн алоқаманд аз талаботи касбии рӯзноманигорӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи диссертант, истифодаи бемавриди сурат дар матбуоти даврӣ ва хусусан, дар сомонаҳои интернетӣ то соли 2015 хеле зиёд будааст. Ба назар чунин мерасад, ки масъулони сомонаҳо дар ҳолати пайдо накардани сурати мувофиқ ба рӯйдоду воқеаҳои инъикосшаванда роҳҳои дигарро ихтиёр мекунанд, аз ҷумла, аз интернет ва ё хазина аксеро истифода менамоянд, ки ба мавзӯъ ё кам ва ё умуман робита надорад. Баъд аз соли 2015 истифодаи аксу сурат дар матбуоти даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ нисбатан босифат гардида, аксу суратҳои ифодакунандаи мазмуну муҳтавои матолиб афзалият пайдо кардаанд. Рушди технологияи коммуникатсионӣ ва беҳтар гардидани шароити техникии идораҳои ВАО ба баланд гардидани касбияти журналистон ҷиҳати истифодаи аксу суратҳо мусоидат намудааст.

Фасли сеюми боби аввал «Дараҷаи нақди барномаҳои телевизион ва радио дар матбуоти даврӣ ва расонаҳо» унвон дошта, дар он нақши матбуоти даврӣ дар таҳлилу баррасии барномаҳои радиоиву телевизионӣ, бо назардошти ҳусну қубҳи онҳо дар доираи категорияҳои мантиқ нишон дода шудааст. Воқеан, нақди воситаҳои ахбори омма амали маъмулӣ буда, дар инкишофи фаъолияти рӯзноманигориву публитсистӣ нақши муҳим дорад. Маҳз тавассути нақди воқеиву холисона бурду бохти воситаҳои ахбори омма муайян гардида, омилҳои рушди он пайдо мешавад. Дар ин фасл, диссертант хулоса мекунад, ки на ҳамаи нашрияҳои даврӣ ҳангоми баҳодиҳӣ ба фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи электронӣ қонуниятҳои мантиқро дар ҳадди зарурӣ риоя мекунанд. Дар матолиби нақдӣ ҷойи таҳлилу баррасиҳои касбиву холисонаро айбҷӯйии ҳамкасбон

гирифтааст. Дар масъалагузорӣ ва муҳтавои мантиқии барномаҳои радиоӣ, намоишҳои телевизионӣ ва маводи чопии матбуоту расонаҳо камбудиҳои зиёд ҷой доранд.

Боби дуюми диссертатсия – «Категорияҳои мантиқии муҳокима ва хулосабарорӣ дар журналистика» низ дорои се фасл буда, баҳси илмиро оид ба категорияҳои асосии мантиқ: мафҳум, муҳокима, хулосабарорӣ ва алоқамандии онҳоро дар фаъолияти журналистӣ фаро гирифтааст. Дар фасли аввали ин боб, ки «Қонунҳои мантиқ ва алоқамандии онҳо ба журналистика» ном гирифтааст, вижагиҳои қонунҳои мантиқ ва таносуби истифодаи онҳо дар фаъолияти журналистӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Қонунҳои мантиқ: айният, зиддият, истиснои салоса (хориҷ кардани ақидаи сеюм) ва қонуни кифоягӣ (басандагии далел) бо аксари соҳаҳои илму эҷод алоқамандӣ доранд. Чунин қонунҳо қобили татбиқ буда, на танҳо дар ҳолати андешаронӣ, балки дар ҳадду ҳудуди шакли мантиқӣ аҳамияти умумӣ пайдо мекунанд. Дар ин фасли диссертатсия диссертант кӯшиш намудааст, ки сатҳу дараҷаи маърифат ва риояи талаботи қонунҳои мантиқро дар фаъолияти журналистони тоҷик зимни таҳияи мавод ба баррасии илмӣ кашида, вазъи масъаларо бо зикри мисолҳо нишон диҳад.

Фасли дуюми боби дуюм – «Муҳокима – категорияи идоракунандаи фикр» ба баҳси категорияҳои мантиқии муҳокима ва хулосабарорӣ бахшида шудааст. Ба андешаи диссертант, журналистон аз шаклҳои гуногуни муҳокима истифода менамудаанд. Таҳаввулоти ҷомеа, рушди ВАО, бартарӣ пайдо кардани ҳимояи манфиати доираҳои гуногуни иҷтимоӣ тавассути нашрияҳои ҷудогона, ба воситаи ВАО амалӣ гардонидани ҳадафҳои ғаразнок, ба майдони матбуот ворид шудани журналистони ғайрикасбӣ имкон фароҳам овардааст, ки чунин навъи муҳокимарониҳо шакл гиранд: а) муҳокимаи яктарафа; б) муҳокимаи воқеӣ; в) муҳокимаи ғаразнок; г) муҳокима – таҳқир; ғ) муҳокима – манфиат; д) муҳокима – тақвият. Дар диссертатсия ҳар яке аз ин навъи муҳокимарониҳо маънидод гардида, хусусият ва дараҷаи истифодаи онҳо дар маводи воситаҳои ахбори омма, бахусус матбуоти даврӣ ба таври васеъ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Фасли сеюми боби дуюм «Хулосабарорӣ ва ду назарияи журналистика» номгузорӣ шудааст. Мавзӯи баҳси онро ду назарияи ба ҳам зиди хулосабарорӣ: назарияи коммунистии шӯравии журналистика ва назарияи аврупоии журналистика (назарияи Ғарб) ташкил медиҳанд. Аммо диссертант дар ин фасл ба он хулоса расидааст, ки ба инобат гирифтани талаботи категорияҳои хулосабарорӣ ва муҳокимаи мантиқӣ дар раванди фаъолияти эҷодӣ ба манфиати ҳам журналист ва ҳам редаксия мебошад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои муҳимтарини тадқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар зикр гардидаанд.

Дар баробари ин, дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ ба назар мерасад. Ҳамчунин, хуб мешуд, агар диссертант номи расмии расонаҳоро истифода менамуд. Чунончи: телевизиони “Тоҷикистон” – “Телевизиони Тоҷикистон”, радиои “Тоҷикистон” – “Радиои Тоҷикистон”, радиои “Озодӣ” – “Радиои Озодӣ”.

2. Дар автореферат хулосаи диссертатсия ба таври мушаххасу конкрет нишон дода нашудааст.

Камбудиҳои баёншуда арзиши илмии авторефератро кам намекунанд ва автореферати рисолаи илмии Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи “Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист” (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон) бо муҳимият, навгониҳои илмӣ, тарзи таҳқиқ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Сардори Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои филологӣ Э. Сафарзода

Индекс: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад 13а.
Тел.: (992) 946-40-40-40
E-mail: Ehson.89@mail.ru

Имзои Эҳсон Сафарзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Расулзода

01.03.2021